*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 46 (4629) | ЧОРШАНБЕ, 29 МАРТИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

# САФАРИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА ВИЛОЯТИ СУҒД

**29-уми марти соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади иштирок дар тантанаҳои Ҷашни байналмилалии Наврӯз, шиносоӣ бо ҷараёни корҳои кишоварзии баҳорӣ, бунёди боғу токзор, мулоқоту суҳбатҳо бо сокинон ва ифтитоҳи як қатор иншооти истеҳсолию иҷтимоӣ ба вилояти Суғд ташриф оварданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода ва дигар шахсони расмӣ истиқбол гирифтанд.

Аҳли илму фарҳангу адаб, зиёиён ва ҷавонон Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро бо самимияти афзуну рӯҳияи болида ва дар фазои шукӯҳманди наврӯзӣ пазироӣ намуданд.

Гурӯҳи ҷавонон, аҳли фарҳанг ва духтарони атласу адраспӯш бо иҷрои суннатҳои наврӯзи аҷдодӣ шукргузории хешро аз сулҳу ваҳдати миллӣ, фазои ободу шукуфоӣ тараннум, ифтихору сарбаландии хешро аз ташаббусҳо ва эътирофи Пешвои миллати тоҷик дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ифода намуданд.



**29 - уми марти соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Гулистон ба фаъолияти фабрикаи парандапарварии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Ганҷи Сомон» оғози расмӣ бахшиданд.**

Фабрикаи мазкур дар доираи тадбирҳои вобаста ба амалисозии ҳадафи чоруми стратегӣ – саноатикунонии босуръати кишвар аз ҷониби соҳибкори ватанӣ Саид Қурбонов бунёд ва мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.

Дар корхона чор иншооти парандапарварии усули бройлерӣ, бо истифода аз таҷҳизоту технологияи муосири соҳа, бо харҷи беш аз 2 миллион сомонӣ сохта, муҷаҳҳаз карда шудааст.

Ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки дар фабрика дар як марҳила 50 ҳазор сар парандаи гӯштӣ парвариш меёбад. Тибқи технология ва қоидаҳои зооветеринарӣ, чӯҷаҳои зоти бройлерӣ то 45 рӯз ба ҳисоби миёна аз 2 то 2,5 килограмм вазн мегиранд ва барои забҳу истеҳсоли гӯшт омода мешаванд.

Иқтидори фабрика дар як марҳила истеҳсоли 100 тонна ва дар як сол 400 - 500 тонна гӯшти парҳезии паранда мебошад. Яъне, соҳибкорони Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Ганҷи Сомон» дар таъмини бозори дохилӣ бо гӯшти парҳезӣ саҳми арзанда мегузоранд.

Дар фабрика ҷараёни технологӣ пурра автоматӣ буда, танзими ҳарорати дохили мурғхонаҳо, тозакунии ҳаво, додани обу ғизо, иҷрои қоидаҳои зооветеринарӣ, санитариву беҳдоштӣ тавассути технологияи компютерӣ ва усули пешрафта амалӣ мешавад.

Дар корхона 20 нафар бо ҷойи кори доимӣ таъмин шуда, музди миёнаи меҳнат 1500 сомонӣ буда, муассис нақша дорад аз ҳисоби даромади минбаъдаи корхона музди меҳнатро боз баланд бардорад.

Тибқи нақша, соҳибкорону мутахассисони ҶДММ «Ганҷи Сомон» марҳилаи дуюми фабрикаро дар минтақаи саноатии шаҳри Гулистон бунёд хоҳанд намуд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ташаббуси соҳибкори ватанӣ баҳои баланд дода, изҳори боварӣ намуданд, ки дар муҳлати наздик ин корхонаи парандапарварӣ, марҳилаи дуюми он ва корхонаи хӯроки омехтаи чорвою паранда, ки фаъолият дорад, якҷо ба комплекси калону муосири парандапарварӣ табдил меёбад.

Сарвари давлат ба соҳибкор дастуру маслиҳат доданд, ки инкубатори чӯҷабарорӣ, коргоҳҳои забҳи паранда, коркарду бандубасти гӯшти паранда, анбор-сардхона сохта, дар минбаъда комплекси мукаммали парвариши паранда ва истеҳсолу то ба истеъмолкунанда расонидани гӯшту маҳсулоти гӯштии аълосифати парандаро таъсис диҳанд.

Дар ҳамон ҷо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо намоиши маҳсулоти корхона шинос шуданд. Дар гӯшаи намоишӣ тухми инкубатсионии парандаи зоти бройлерӣ, 9 навъи маҳсулоти гӯшти парҳезии паранда дар бандубасти ҷолибу хоса, ки дар ҳамкорӣ бо корхонаҳои парандапарварию коргоҳҳои бандубасти соҳа омода гардидааст, ҳамчунин анвои хӯрокаи паранда ва нақшаҳои истеҳсолию тиҷоратии корхона бароиояндаи наздик муаррифӣ гардид.

Зимни шиносоӣ бо намоишгоҳ ба соҳибкорону мутахассисон ва масъулони соҳа дастур дода шуд, ки ин ва дигар корхонаҳои парандапарварӣ дар пойтахти мамлакат – шаҳри Душанбе, маркази шаҳру ноҳияҳо фурӯшгоҳҳои фирмавӣ ва тарабхонаву ошхонаи дорои таомҳо аз гӯшти паранда таъсис диҳанд.

**29-уми марти соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Гулистони вилояти Суғд, ҳамчунин, ба фаъолияти корхонаи парандапарварии «Мурғи бебаҳо» ва сардхонаи замонавӣ оғози расмӣ бахшида, бо шароити кори он шинос шуданд.**

Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Мурғи бебаҳо» дар доираи тантанаҳои Ҷашни байналмилалии Наврӯз ва таҷлили 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби соҳибкори ватанӣ Аҳад Қодиров дар масоҳати беш аз 3 гектар бунёд гардида, дорои шароити муосири кору хизматрасонӣ мебошад.

Зимни шиносоӣ ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки иншооти нави парандапарварӣ дар масоҳати наздики 2 ҳазор метри мураббаъ бунёд шуда, дар муддати 45 шабонарӯз беш аз 30 ҳазор чӯҷа барои истеҳсоли гӯшти парҳезӣ омода карда мешавад.

Бо мавриди истифода қарор гирифтани корхона 12 сокини шаҳри Гулистон бо ҷойи кори доимӣ ва маоши хуб таъмин шуданд.

Дастгоҳу таҷҳизоти корхона ҷавобгӯи талаботи стандарти кишварҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ буда, ҳавои дохили иншоот бо истифода аз таҷҳизоти махсус мунтазам ва ба таври автоматӣ тоза нигоҳ дошта мешавад.

Корҳои сохтмонӣ дар иншоот соли 2019 оғоз гардида, дар он 25 сокини маҳаллӣ бо ҷойи кор ҷалб шуданд. Корхона имкон дорад, ки дар як сол зиёда аз 300 тонна гӯшти мурғро барои коркард омода ва ба корхонаҳои истехсолӣ пешниҳод намояд.

Дар ҳамон ҷо ба Президенти мамлакат маҳсулоти корхона, аз қабили гӯшту тухм ва хӯроки паранда намоиш дода шуд.

Дар шафати корхонаи мазкур бо саҳми соҳибкор бинои сардхона баъд аз навсозӣ мавриди истифода қарор гирифт. Иншоот барои захира ва нигоҳдории 3 ҳазор тонна маҳсулоти кишоварзӣ ва маҳсулоти гӯштӣ пешбинӣ шуда, дар ин замина 8 нафар бо ҷойи кор таъмин гардиданд.

Бинои сардхона дар масоҳати 768 метри мурраба ҷойгир буда, дар он барои муътадил нигоҳ доштани ҳавои дохили иншоот 7 таҷҳизоти замонавӣ насб гардидааст, ки ин тадбир ҷиҳати беталаф нигоҳ доштани дилхоҳ маҳсулоти зудвайроншаванда дар тамоми фасли сол мусоидат менамояд.

Мавриди зикр аст, ки иншоот дар ҳудуди шаҳри Гулистон аввалин буда, дар оянда дар доираи тадбирҳои созанда шумораи чунин сардхонаҳои замонавӣ афзун мегардад.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

**Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум**

# БАРОИ РИОЯ НАКАРДАНИ ТАРТИБИ ДОДАНИ ВАРАҚАИ КОРНОШОЯМӢ ҶАВОБГАРӢ ПУРЗӮР МЕШАВАД



**29 - уми марти соли 2023 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баргузор гардид.**

**РАИС: - Вакилони арҷманд!**

Хоҳиш мекунам, аз қайд гузаред.

Ҳоло дар толор 58 вакил ҳузур доранд. Имкон фароҳам шуд, ки ба кори ҷаласа шурӯъ намоем. Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

Мутобиқи моддаи 34 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро кушода эълон менамоям.

**Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Дар ҷаласаи имрӯза Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода, муовини вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шодихон Ҷамшед, муовини сардори Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатмурод Олимов ва дигар шахсони даъватшуда иштирок доранд.

**Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Ба рӯзномаи ҷаласаи навбатӣ ду масъала пешниҳод шудааст, ки нусхаи он дар дасти шумо ҳаст.

Доир ба рӯзнома таклифу пешниҳоди дигар нест? Набошад, хоҳишмандам нисбат ба рӯзнома мавқеатонро муайян намоед.

*Дар бораи рӯзномаи ҷаласа бо фарогирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид:*

**1. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**2. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиροту илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон».**

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаҳои рӯзнома шурӯъ менамоем. Аз рӯи масъалаи якум сухан ба муовини вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шодихон Ҷамшед дода мешавад. Марҳамат.

**Шодихон ҶАМШЕД:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар асоси супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 - юми июли соли 2021 таҳти №23/3-355 (3) ҷиҳати иҷрои бандҳои 22 ва 23 «Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар мулоқот бо кормандони мақомоти молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкҳо 10 - уми майи соли 2019 баён доштанд», таҳия гардида, бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мегардад.

Мутобиқи банди 23 нақшаи мазкур ба вазоратҳои молия, адлия, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ва Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон супориш шуда буд, ки қонунгузории амалкунандаро доир ба таъин ва пардохти маблағи суғуртаи иҷтимоӣ барои кумакпулиҳои корношоямии муваққатӣ ва пурзӯр намудани ҷавобгарӣ барои додани варақаи корношоямии муваққатӣ аз ҷониби муассисаҳои тиббӣ мукаммал гардонанд. Дар давоми ду сол аз ҷониби вазорату идораҳои дахлдор, аз ҷумла Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, корҳои муайян ба анҷом расида, дар баъзе қонунҳои амалкунанда, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ», тағйиру иловаҳо ворид карда шуд.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**



# МАҶЛИСИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРГУЗОР ШУД

**28 - уми марти соли 2023 таҳти раёсати Сарвазири мамлакат Қоҳир Расулзода маҷлиси навбатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар он нахуст вобаста ба сари вақт омода намудани соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷумҳурӣ барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2023-2024 ҳисоботи вазири рушди иқтисод ва савдо Завқӣ Завқизода шунида шуд. Таъкид гардид, ки бо мақсади таъмини иҷрои босифат ва саривақтии Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сари вақт омода намудани соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷумҳурӣ барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2023-2024» ситоди ҷумҳуриявӣ таъсис дода шуда, нақша-чорабиниҳо таҳия гардидааст.

Роҳбарони вазорату идораҳо ва ташкилоту муассисаҳои давлатӣ вазифадор карда шуданд, ки то фарорасии мавсими сармо ҷараёни омодасозии иншооти таъиноти энергетикӣ, саноатӣ, иҷтимоӣ ва захирасозии сӯзишворию маводи зиддилағзишро барои таъмини бемушкилии барқу гармӣ ва фаъолияти муназами соҳаи роҳу нақлиёти мамлакат дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2023-2024 вусъат бахшида, иҷрои қарори Ҳукумати мамлакат ва нақша-чорабиниҳои онро дар сатҳи зарурӣ таъмин намоянд.

Аз ҷониби аъзои Ҳукумати мамлакат, ҳамчунин масъалаҳои ташкили истироҳати тобистонаи кӯдакон ва наврасон дар соли 2023 ва ҷудо намудани ҳиссаи (квотаи) истифодаи объектҳои олами ҳайвоноти ёбоии ба Китоби сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон шомилшуда дар солҳои 2023-2024 мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Лоиҳаи як қатор қонунҳо ва хулосаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба онҳо, аз ҷумла лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати маъмурӣ нисбат ба шахсони аз муассисаҳои ислоҳӣ озодшуда», лоиҳаи Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти калонсолон» ва лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда» барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид.

Дар маҷлиси Ҳукумати мамлакат, ҳамчунин пешниҳоди Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Тоҷикобод оид ба иваз намудани номи баъзе воҳидҳои маъмурию ҳудудии ноҳияи Тоҷикобод, лоиҳаи Созишномаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Корея оид ба маблағҳои қарзии Фонди рушди ҳамкории иқтисодӣ, лоиҳаи ёддоштҳои табодулӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷопон дар доираи «Барномаи волонтёрони Ҷопон оид ба ҳамкории байналмилалӣ» баррасӣ гардида, «Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027», «Барномаи давлатии рушд ва таҳкими заминаи илмию таҷрибавии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027» қабул шуд.

Аъзои Ҳукумати мамлакат, роҳбарони вазорату идораҳо ва ташкилоту муассисаҳои ҷумҳуриявӣ барои таъмини иҷрои нақшаи пардохтҳои гумрукӣ ва андозҳо, вусъатбахшии тадбирҳои ободонию бунёдкорӣ, бо сифати баланд ва бо риояи қоидаҳои муосири агротехникӣ анҷом додани кишти баҳорӣ, таҳкими иқтидори саноатӣ ва содиротии мамлакат, бартарафсозии пурраи оқибатҳои офатҳои табиӣ ва расонидани кумак ба аҳолии аз офатҳои табиӣ зарардида ва омодагии ҳамаҷониба ба давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2023-2024 вазифадор гардиданд.

**АМИТ «Ховар»**

# САФАРИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА ВИЛОЯТИ СУҒД

(Идома аз саҳ. 1)

**29-уми марти соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Гулистон бо ятимон аз шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд суҳбати самимӣ анҷом доданд.**

Барои ин гурӯҳи наврасон хони наврӯзӣ ва барномаи фарҳангӣ ташкил карда шуд.

Ҳамчунин, дар доираи сиёсати иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва идомаи ғамхориҳо нисбат ба ятимон аз ҷониби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба 100 наврас маҷмӯи сарулибос, китоб, маблағ ва шириниҳо тақдим шуд. Ин ҳолат хушҳолию фараҳи кӯдаконро афзун намуд.



Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки дастгирии ятимону бепарасторон дар меҳвари сиёсати иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, дар ҳар як ҷашну маросим ба онҳо кумак расонида мешавад. Ҳамзамон, марҳила ба марҳила таҳким бахшидан ба фаъолияти муассисаҳои таълимӣ барои ятимону бепарасторон имкон дод, ки сифати нигоҳубин ва таълиму тарбия дар онҳо беҳтар гардида, кӯдакону наврасони бо амри тақдир бесаробонмонда таҳти ғамхории Давлату Ҳукумати мамлакат қарор дода шавад ва дар оянда ҳамчун шахсони фаъолу комилҳуқуқи ҷомеа ба камол расанд.

Бунёду навсозии мактаб-интернатҳо ва фароҳам овардани шароити замонавии зист ва таҳсил барои ятимону бепарасторон намунаи олии дастгириҳои доимии Роҳбари давлат дониста мешавад.

**29-уми марти соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Гулистон коргоҳи истеҳсоли қолинҳои рӯифаршии тафтингии нақшзадашударо дар ширкати «Қолинҳои Қайроққум» ифтитоҳ карданд.**

Иншооти нав дар масоҳати 20 ҳазор метри мураббаъ бо харҷи 66 миллион сомонӣ мавриди истифода қарор дода шуд.

Фаъолияти корхона ба истеҳсоли маҳсулоти ивазкунандаи воридот равона карда шуда, иқтидори солонаи он 2 миллион метри мураббаъ рӯйпӯшҳои рӯифаршии тафтингии нақшзадашударо дар бар мегирад.

Васеъ шудани имконияти истеҳсолӣ на танҳо барои афзоиши истеҳсоли маҳсулоти ивазкунандаи воридот, балки барои таъмини афзоиши содироти маҳсулот имконият фароҳам овард.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бунёди иншооти истеҳсолиро намунаи асосии татбиқи ҳадафи чоруми стратегии давлат арзёбӣ карда, тадриҷан амалишавии иқдомҳоро дар ин самт барои зиёдшавии истеҳсоли маҳсулоти ивазкунандаи воридот ба содирот нигаронидашуда муҳиму саривақтӣ арзёбӣ карданд.

Баъд аз мавриди истифода қарор гирифтани коргоҳи нави истеҳсолӣ 100 нафар сокини маҳаллӣ ба ҷойи кори доимӣ таъмин шуданд. Дар ин ҷо аз ашёи хом баъди чор марҳилаи коркард маҳсулоти дорои сифати баланд мутобиқ ба дархости муштариён истеҳсол карда мешавад.

То ин вақт дар як сол ба Тоҷикистон 1,5 миллион метри мураббаъ қолинҳои рӯифаршӣ ворид карда мешуд. Ба кор андохтани хатти нави технологӣ дар ширкати «Қолинҳои Қайроққум» имкон медиҳад, ки талаботи бозори дохилӣ пурра қонеъ гардонида шавад ва ҳамзамон содироти ин намуди маҳсулот ба роҳ монда шавад. Технологияи барои истеҳсоли маҳсулот аз Австрия ворид карда шудааст ва дар Осиёи Марказӣ назир надорад. Акнун иқтидори ширкат ба истеҳсоли 3,5 миллион метри мураббаъ қолин дар як сол расонида шуд.

Ба фаъолият оғоз намудани хатти нави технологӣ дар ширкати «Қолинҳои Қайроққум» барои афзоиши истеҳсоли маҳсулоти ивазкунандаи воридот, васеъ шудани имконияти содиротӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, зиёд шудани пардохтҳо ба буҷети давлатӣ ва таҳкими нақши бахши хусусӣ дар рушди иқтисодиёт мусоидат мекунад.

Мавриди истифода қарор гирифтани коргоҳи истеҳсоли рӯйпӯшҳои рӯифаршии тафтингӣ дар доираи амалишавии «Барномаи рушди қолинбофӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 - 2025» ба беҳтар шудани дастрасӣ ба маҳсулоти босифати ватанӣ замина мегузорад.

Ҳамчунин, дар ҳамин рӯз маҳсулоте, ки дар корхонаи «Қолинҳои Қайроққум» истеҳсол карда мешавад, муаррифӣ карда шуд.

Айни замон дар корхона қолин ва рӯйпӯшҳои рӯифаршӣ бо дизайн, нақшунигор ва андозаҳои гуногун истеҳсол мешавад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фаъолияти корхонаи «Қолинҳои Қайроққум»-ро намунаи асосии татбиқи нишондодҳои «Барномаи давлатии рушди содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 - 2025» арзёбӣ карданд.

**29-уми марти соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маркази шаҳри Гулистон бинои Муассисаи давлатии таълимии томактабии рақами 4 ба номи «Баҳор»-ро ифтитоҳ намуданд.**

Бинои кӯдакистони «Баҳор» дуошёна буда, баъд аз таъмиру навсозӣ дар доираи тантанаҳои Ҷашни байналмилалии Наврӯз ба истифода дода шуд. Иншооти нави соҳаи маориф бахшида ба ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии Ҳукумати мамлакат навсозӣ гардидааст.

Он дорои маркази гармидиҳӣ мебошад, ки дар фасли зимистон гармии дохили иншоот тавассути он таъмин мешавад.

Ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки кӯдакистони «Баҳор» барои ба таҳсили томактабӣ ва таълиму тарбия фаро гирифтани 240 кӯдак пешбинӣ гардида, он аз синфхонаҳои муҷаҳҳази рассомӣ, толори мусиқӣ, рақс, забономӯзӣ ва ҳуҷраҳои корию фароғатӣ ва тиббӣ иборат мебошад.

Дар кӯдакистони «Баҳор»-и шаҳри Гулистон таҳсил бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ба роҳ монда мешавад. Раванди омӯзиши барномаи томактабӣ ба кӯдакон тавассути технологияи муосир сурат мегирад. Бо назардошти шароити муосири таълим, ки бо истифода аз тахтаҳои электронӣ амалӣ мегардад, дар маҷмӯъ 8 гурӯҳи кӯдакон ба тарбия фаро гирифта мешаванд. Дар оянда бо истифода аз имконоти фароҳамшуда дар кӯдакистон омӯзиши забони англисӣ низ ба роҳ монда мешавад.

Баъди ба фаъолият шурӯъ кардани кӯдакистони «Баҳор» дар шаҳри Гулистон 30 нафар бо ҷойи кори доимӣ фаро гирифта шуданд, ки даҳ нафари онҳоро мураббиён ташкил медиҳанд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шароити дар кӯдакистон муҳайёгардида шинос шуда, кормандони соҳаи маорифро барои таълиму тарбияи дурусти кӯдакон ва дар рӯҳияи худшиносиву худогоҳӣ тарбия намудани насли наврас ҳидоят карданд.

Мавриди зикр аст, ки баъд аз ба фаъолият оғоз кардани кӯдакистони «Баҳор» дар шаҳри Гулистони вилояти Суғд шумораи муассисаҳои томактабӣ ба 11 расид, ки аз ин яктои он хусусӣ мебошад. Сатҳи фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ дар шаҳр қариб 40 фоизро ташкил медиҳад, ки ин раванд дар оянда бо бунёди кӯдакистонҳои нав афзоиш дода мешавад.

**29-уми марти соли равон дар идомаи сафари корӣ дар шаҳри Гулистон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинои Нозироти андози шаҳрро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Масоҳати бинои 0,16 гектарро ташкил дода, фармоишгари иншоот Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар асоси лоиҳа иншооти навбунёд аз таҳхона ва се ошёна иборат буда, бо тарҳи зебо ва унсурҳои муосири шаҳрсозӣ бунёд шудааст. Дар ошёнаи якуми бино шуъбаи хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқӣ, бахши ташкили андозбандии шахсони воқеӣ ва бахши баҳисобгирии даромадҳо ҷойгиранд.

Дар ошёнаи дуюм ва сеюм маҷлисгоҳ бо 80 ҷойи нишаст, ҳуҷраҳои корӣ, маъмурият, толори баргузории видео-конфронсҳо бо 20 ҷойи нишаст ва дигар ҳуҷраҳои ёрирасон ҷой дода шудаанд.

Бинои Нозироти андози шаҳри Гулистон дар доираи нақшаи чорабиниҳо ба истиқболи 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сохта шудааст. Ба Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки дар бинои Нозироти андози шаҳри Гулистон барои зиёда аз 30 нафар ҷойи кории мувофиқ фароҳам оварда шуд.

Насби дастгоҳу таҷҳизот ва барномаҳои муосири соҳавӣ имконият медиҳад, ки шаффофияти фаъолияти Нозироти андоз дар раванди бақайдгирӣ ва пардохти андозҳо таъмин карда шуда, иҷрои чунин хизматрасониҳо бидуни таъсири омилҳои инсонӣ ва бо сарфаи вақт пешниҳоду гирифтани маълумот оид ба фаъолияти молиявию уҳдадориҳои андозсупорӣ анҷом дода шавад.



Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пас аз шиносоӣ бо шароити корӣ дар бинои Нозироти андози шаҳри Гулистон ба кормандони соҳа аз наздик суҳбати озоду самимӣ анҷом дода, онҳоро ҷиҳати баланд бардоштани хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, сари вақт бақайдгирии шахсони воқеӣ-ҳуқуқӣ, таъмин намудани шаффофияти маблағҳо ва ба ин восита ғанӣ гардондани буҷети давлатӣ дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Акнун соҳибкорон имкон доранд, ки бо истифода аз шабакаи интернет эъломияро электронӣ пешниҳод намоянд, санадҳои муқоисавӣ тартиб диҳанд, ҳисобварақаи худро аз назар гузаронанд, бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии қонунгузории андоз, ки дар сомонаи Кумитаи андоз ҷойгир карда шудаанд, бевосита шинос шаванд.

**29-уми марти соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд ташриф оварда, дар Кооперативи тиҷоратии хоҷагии ҷамоавии ба номи Турсунбой Қӯшатов, ки кишоварзонаш дар истифодаи самараноку оқилонаи замин ва парвариши зироату истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ таҷрибаи ғанӣ доранду ҳар сол дар фаровонии бозори истеъмолӣ саҳми назаррасу шоиста мегузоранд, бо раванди бунёди боғҳои нав шинос шуданд.**

Боғи нави кооперативи мазкур 11 гектарро ташкил дода, соли равон асосан дар ҷойи боғоти куҳнаи зардолу, ки бо гузашти бештар аз 25 сол аз самар бозмонда буд, бунёд карда шудааст. Аз ин нишондод 4 гектари онро боғи интенсивии себу шафтолу ва 7 гектари дигарро боғи зардолу ташкил медиҳад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар кооперативи зикршуда бо умеди сарсабзӣ ва фаровонҳосилӣ дар боғи навбунёди интенсивӣ ниҳоли дарахтони мевадиҳанда шинониданд ва зимни суҳбат бо боғдорон ва дигар кормандони соҳаи кишоварзӣ таъкид намуданд, ки ҳангоми бунёди боғҳои нав ба дурустии интихоби мавзеъ барои парвариши ниҳол, бештар бунёд намудани боғоти ҳосилаш ба содирот нигаронидашуда, истифодаи талу теппаҳо ҷиҳати афзун намудани майдони боғот ва ба назар гирифтани маслиҳати олимони соҳа таваҷҷуҳи бештар равона карда шавад.

Ба гуфти кишоварзон, дар шароити имрӯза танҳо хоҷагиҳое метавонанд, аз лиҳози иқтисодӣ рушду инкишоф ёбанд, ки дар асоси талаботи бозори ҷаҳонӣ аз имконияту иқтидорҳои худ самараноку оқилона истифода мебаранд ва асосан маҳсулоти рақобатпазир истеҳсол мекунанд. Бо назардошти чунин талабот, аъзои кооперативи мазкур, ки 443 нафарро ташкил медиҳад, дар ҷойи боғҳои куҳна марҳила ба марҳила боғҳои интенсивӣ бунёд намуда, оянда дар баробари таъмини бозори дохилӣ иқтидори содиротиро низ тақвият мебахшанд.

Соли равон кишоварзони Кооперативи тиҷоратии хоҷагии ҷамоавии ба номи Турсунбой Қӯшатов дар маҷмӯъ 35 гектар боғҳои куҳнаро аз нав барқарор намуданд, ки бештари онро боғҳои интенсивӣ ташкил медиҳад. Дар кооперативи мазкур боғи биҳӣ низ бунёд карда шудааст.

Боғҳои интенсивӣ назар ба боғҳои анъанавӣ аз лиҳози иқтисодӣ бештар манфиатовар буда, дар мамлакат солҳост, ки таҷриба шудааст ва дар зарфи се-чор сол ба ҳосил медароянд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъулони Кооперативи тиҷоратии хоҷагии ҷамоавии ба номи Турсунбой Қӯшатовро вазифадор намуданд, ки минбаъд майдони боғҳои интенсивӣ ва суперинтенсивиро зиёд намоянд. Дар ин сурат, ҳаҷми содироти мева меафзояд ва дар баробари ин сокинон бо ҷойи кор таъмин мешаванд.

Дар Кооперативи тиҷоратии хоҷагии ҷамоавии ба номи Турсунбой Қӯшатов 1 ҳазору 50 гектар боғу токзор мавҷуд буда, инчунин дар 1 ҳазору 119 гектар замин кишту парвариши зироати гуногуни кишоварзӣ, аз қабили гандум, ҷав, картошка, пахта ва хӯроки чорво, ба роҳ монда шудааст.

Дар вилояти Суғд дар доираи татбиқи барномаҳои давлатӣ боғдорону токпарварон ба дастовардҳои назаррас ноил гардидаанд. Зиёд шудани боғҳои нав дар вилоят асосан дар 5-6 соли охир ба вуҷуд омадааст. Аз ҷумла, соли 2022 дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд тибқи дурнамо бунёди 230 гектар боғу токзори нав пешбинӣ гардида буд, аммо дар ин давра бунёди боғу токзор назар ба нақшаи пешбинишуда қариб чор баробар зиёд иҷро гардид.

Соли гузашта дар хоҷагиҳои деҳқонӣ ва корхонаҳои кишоварзии вилоят 890 гектар боғу токзори нав бунёд карда шуд. Аз боғҳои бунёдшуда 148 гектар боғи интенсивӣ мебошад. Ҳоло дар вилоят 73 ҳазор гектар боғ ва 13 ҳазору 467 гектар токзор мавҷуд аст.

Хоҷагидорони вилоят соли гузашта бо вуҷуди сардиҳои аввали фасли баҳор, ки ба ҳосили боғот таъсири манфӣ расонд, 124 ҳазору 477 тонна мева, аз ҷумла 55 ҳазору 847 тонна зардолу ва 38 ҳазору 429 тонна себ истеҳсол намуданд.

Соли равон дар ҳама шаклҳои хоҷагидории шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд зиёда аз 2 ҳазор гектар боғу токзори замонавӣ бунёд шудааст.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суҳбат бо хоҷагидорон иброз доштанд, ки танҳо бо меҳнати ҳалолу фидокорона ва истифодаи мақсадноки замин мо метавонем ба татбиқи ҳамаҷонибаи яке аз ҳадафҳои стратегии Ҳукумати мамлакат-таъмини амнияти озуқаворӣ комёб шавем ва бо ин роҳ сатҳи зиндагии мардумро беҳтару хубтар намуда, иқтидори содиротии мамлакатро низ тақвият бахшем.

**(Идомаи гузоришҳо аз ҷараёни сафари Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба вилояти Суғд дар шумораи оянда ба нашр мерасанд)**

**www.president.tj**

# БАРОИ РИОЯ НАКАРДАНИ ТАРТИБИ ДОДАНИ ВАРАҚАИ КОРНОШОЯМӢ ҶАВОБГАРӢ ПУРЗӮР МЕШАВАД

(Идома аз саҳ. 1)

Бо вуҷуди ин, пурзӯр намудани ҷавобгарӣ ва масъулияти кормандон барои додани варақаи корношоямии муваққатӣ аз ҷониби муассисаҳои тиббӣ - профилактикӣ то ҳанӯз пурра ҳал нашудааст. Аз ин лиҳоз, ба Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастур дода шуд, ки якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор вобаста ба иҷрои супориши мазкур иловатан чораҷӯӣ намоянд.



Дар робита ба мукаммал намудани қонунгузории амалкунанда доир ба таъин ва пардохти маблағи суғуртаи иҷтимоӣ барои кумакпулиҳои корношоямии муваққатӣ ва пурзӯр намудани ҷавобгарӣ барои додани варақаи корношоямии муваққатӣ қонунгузории марбута омӯхта шуда, зарурати ворид намудани моддаи $110^1$ оид ба риоя накардани тартиби додани варақаи корношоямии муваққатӣ дар муассисаҳои табобатию профилактикӣ ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш омад.

Барои аз ҷониби кормандони тиббии муассисаҳои тиббӣ - профилактикӣ риоя накардани тартиби додани варақаи корношоямии муваққатӣ дар ин муассисаҳо, ки боиси беасос пардохт кардани маблағи буҷет мегардад, ҳангоми набудани аломати ҷиноят, ҷазои маъмурӣ дар намуди ҷарима таъин карда мешавад. Аз шумо, вакилони муҳтарам, бо арзи эҳтиром ҳоҳиш менамоям, ки барои қабули қонуни мазкур овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ ягон савол ё пешниҳод ҳаст? Нест.

Сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Усмонзода Мансур Салом дода мешавад. Марҳамат.

**Мансур УСМОНЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини арҷманд!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва пешниҳод гардидааст. Мақсади асосии лоиҳаи қонуни мазкур мукаммал намудани қонунгузории амалкунанда доир ба таъиин ва пардохти маблағи суғуртаи иҷтимоӣ барои кумакпулиҳои корношоямии муваққатӣ ва ҷорӣ намудани ҷавобгарии маъмурӣ барои тартиб додани варақаи корношоямии муваққатӣ аз ҷониби кормандони муассисаҳои табобатию профилактикӣ мебошад. Дар асоси иловаи нав пешниҳод мегардад, ки ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи алоҳида (моддаи $110^1$) доир ба риоя накардани тартиби додани варақаи корношоямии муваққатӣ аз ҷониби кормандони муассисаҳои табобатию профилактикӣ, ки боиси беасос пардохт кардани маблағҳои буҷетӣ мегардад, ҳангоми набудани аломати ҷиноят, ҷаримаи маъмурӣ таъин карда шавад. Инчунин, дар давоми як соли баъд аз таъини ҷазои маъмурӣ такроран содир намудани кирдори қаблӣ ҷаримаи маъмурӣ нисбат ба қисми 1 моддаи мазкур пурзӯр карда шудааст.

Лоиҳаи қонуни зикршуда аз ҷониби кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифта, барои такмили он 8 таклиф пешниҳод гардид, ки аз он 3 таклиф қабул, 2 таклиф қисман қабул ва 3 таклиф қабул нашуд. Лоиҳаи қонуни мазкур ба боби 2 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва боби 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мухолифат надорад. Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ ягон савол ё пешниҳод ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ менамоем.

Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба муовини вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шодихон Ҷамшед дода мешавад. Марҳамат.

**Шодихон ҶАМШЕД:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бинобар иҷрои бандҳои 22 ва 23 «Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар мулоқот бо кормандони мақомоти молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкҳо 10 - уми майи соли 2019 баён доштанд», аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдор таҳия шуда, бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст. Тавре ки дар талаботи банди 22 нақшаи мазкур дарҷ гардидааст, барои ҷоннок намудани назорат дар самти таъмини шаффофият ва суроғавӣ будани пардохтҳои иҷтимоӣ ва кумакпулиҳо, пешгирии қатъии ҳолатҳои қонунвайронкунӣ дар ин самт дар баробари таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳамзамон, зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо дар моддаи 95 Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фаъолият ва ваколатҳои Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолиро дар ин самт муайян менамояд, пеш омада, мутаносибан лоиҳаи дахлдор таҳия шуд. Ғайр аз ин, дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи такмили сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 19 – уми ноябри соли 2013 таҳти №12 вазифаҳои марбут ба ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла назорати дурустии таъин ва сари вақт пардохт намудани баъзе номгӯи кумакпулиҳои иҷтимоии давлатӣ ва ҷубронпулиҳо (12 намуди кумакпулӣ ва ҷубронпулиҳо) ба Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор шудаанд. Тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 – уми декабри соли 2017 таҳти №597 назорати таъин ва пардохтҳои иҷтимоии давлатӣ ба табақаҳои гуногуни осебпазир (оилаҳои камбизоат, маъюбони бартарафсозии садамаи Неругоҳи барқи атомии «Чернобил», нафақахӯрони аҳамияти ҷумҳуриявӣ, кӯдакони мубталои ВНМО, маъюбоне, ки барои онҳо гирифтани воситаҳои техникии тавонбахшӣ ва протезу ортезҳо пешбинӣ гардидаанд, гирандагони кумакпулиҳои иҷтимоии якдафъаина ва монанди инҳо) ба зиммаи Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шуд.

Мутобиқи банди якуми Низомномаи Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, Хадамот мақоми иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, назорати давлатии фаъолияти тиббию ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва фармасевтиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мемонад. Аз ин лиҳоз, ворид намудани тағйироти дахлдор ба моддаи 95 Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок аст. Бояд зикр намуд, ки моддаи 111 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки қоидаҳои нигоҳдорӣ ва истифодаи босамари хуни донорӣ, ҷузъҳои он ва давои аз он тайёркардашударо танзим менамояд, ба ваколати Маркази ҷумҳуриявии илмии хун вогузор шуда буд. Азбаски ваколатҳои назоратӣ дар самти фаъолияти тиббӣ, фарматсевтӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба салоҳияти Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ вогузор гардидаанд, ба сохтори номбурда гузаронидани татбиқи моддаи 111 мувофиқи мақсад мебошад.

Бо арзи эҳтиром хоҳиш менамоям, ки ба ҷонибдории он овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ ягон савол ё пешниҳод ҳаст? Нест.

Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Зиёӣ Баҳриддин Саҳобиддин дода мешавад. Марҳамат.

**Баҳриддин ЗИЁӢ:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини арҷманд!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва пешниҳод гардидааст. Лоиҳаи қонуни мазкур аз 3 қисм иборат буда, тибқи он ба моддаҳои 94 ва 95 Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ваколатҳои мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ, мақомоти тандурустӣ оид ба баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ муайян гардидааст, тағйироту иловаи дахлдор пешбинӣ гардида, инчунин аз қисми 1 моддаи $121^1$ рақами «140» хориҷ мешавад.

Лоиҳаи қонуни зикргардида бо қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои додани хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон, кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагон, Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон пешниҳод шуд. Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон лоиҳаи қонуни мазкурро мавриди омӯзиш қарор дода, онро ҷонибдорӣ намуда, таклифу пешниҳоди манзургардида барои мукаммал гардонидани лоиҳа истифода шуданд.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба боби 2 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва боби 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мухолифат надорад. Бо арзи эҳтиром хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ ягон савол ё пешниҳод ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС: -** Масъалаҳое, ки ба рӯзномаи ҷаласа пешбинӣ гардида буданд, баррасӣ шуданд.

Доир ба рафти ҷаласа эроду пешниҳод ҳаст? Нест.

Барои фаъол буданатон миннатдорӣ намуда, ҷаласаро пӯшида эълон менамоям.

**Хӯҷаназари АМИНИЁН,**
**Шариф АТОБУЛЛОЕВ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

# МАРҲАБО БА ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН - БОНУФУЗТАРИН МАРКАЗИ ТАЪЛИМИЮ ИЛМӢ ВА ФАРҲАНГИИ ҶУМҲУРӢ!



**ХУШВАХТЗОДА Қобилҷон Хушвахт, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор**

**ДОВТАЛАБОНИ ГИРОМӢ!**

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бонуфузтарин маркази таълимию илмӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дастпарварони ин боргоҳи илму маърифат дар пешрафти давлати мустақили Тоҷикистон, рушди соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва илмиву фарҳангии кишвар саҳми арзанда гузошта, барои равнақи соҳаи илму маориф, баланд бардоштани маърифат, худшиносии миллӣ, ифтихори ватандорӣ ва тарбияи мутахассисони донишманд мақому манзалати хоса доранд.**

Донишгоҳ дар партави дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷавононро дар рӯҳияи худшиносиву ватандӯстӣ тарбия карда, ифтихор дорад, ки Пешвои миллат хатмкардаи ин боргоҳи илму маърифат мебошанд.

Донишгоҳ дорои 19 факултет, 125 кафедра, 124 ихтисос, Институти илмию таҳқиқотӣ, Литсейи равияҳои табиию риёзӣ, китобхонаи илмӣ ва электронӣ, Донишкадаи такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии назди донишгоҳ, Донишкадаи Конфутсий, озмоишгоҳҳои илмию таълимӣ ва таҳқиқотӣ, марказҳои интернетӣ, синфхонаҳои компютерӣ, ҳуҷраҳои лингофонӣ, зиёда аз 10 маркази хизматрасонии таълимӣ ва илмию таҳқиқотӣ, се пойгоҳи таҷрибавӣ, бунгоҳи тиббӣ ва майдончаҳои варзишӣ мебошад. Донишҷӯён, магистрантон ва докторантони ватанию хориҷӣ дар беҳтарин хобгоҳҳои муҷаҳҳаз бо таҷҳизоти муосир иқомат мекунанд.

Имрӯз донишгоҳ беш аз 2 500 нафар устоду корманд ва наздик ба 23 000 нафар донишҷӯро муттаҳид карда, тамоми шароити заруриро барои таълим фароҳам сохтааст. Барои тақвияти андешаҳои боло чанде аз дастовардҳои соли сипаригаштаи ин боргоҳи илму маърифатро манзури хонандагони рӯзнома менамоем.

Қобили қайд аст, ки 9-уми июни соли 2022 бо иштироки муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Халқии Хитой дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндагони як қатор сохторҳои давлатӣ бинои Донишкадаи таълимию фарҳангии Конфутсийи назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба истифода дода шуд. Дар он рӯз, ҳамчунин, тавассути дастгирии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба раёсати донишгоҳ муяссар гардид бинои хобгоҳро, ки қаблан ҳамчун хобгоҳи донишҷӯӣ истифода мешуд, баъди аз таъмири пурраи асосӣ баровардан ва азнавсозӣ ба хонаҳои истиқоматӣ табдил дода, ба 39 нафар омӯзгорон ва кормандони ҷавони ба манзили истиқоматӣ эҳтиёҷманд тақсим кард. Раёсати донишгоҳ тасмим гирифтааст, ки баъди пурра дуруст намудани ҳуҷҷатгузорӣ хобгоҳи №1-ро низ аз таъмири асосӣ баровардa, ба 30 нафар омӯзгорони ҷавон тақсим намояд.

Бисту сеюми ноябри соли 2022, дар арафаи таҷлили Рӯзи Парчами давлатӣ, ҷиҳати амалӣ гардидани нақшаи чорабиниҳои «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф, солҳои 2020-2040» бо иштироки муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ибтикори раёсати донишгоҳ дар назди Парки технологии донишгоҳ «Коргоҳи маводи ҷолинусӣ (галеникӣ)» ифтитоҳ ёфт.

Бисту якуми декабри соли сипаришуда бо мақсади эҳтиром ва арҷгузорӣ ба мактаби бузурги давлатдории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо дастгирии Ҳукумат ва Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташаббуси роҳбарияти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар назди донишгоҳ Маркази илмӣ-таҳқиқотии Пешвои миллат мавриди истифода қарор дода шуд. Дар он ҷо осори банашррасидаи Сарвари давлат ва офаридаҳои муҳаққиқону донишмандон, ки корномаҳои Пешвои миллатро инъикос менамоянд, ҷамъоварӣ шудаанд.

Муҳимтарин рӯйдоди дигар иштироки Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар Раддабандии байналмилаии «IAAR Eurasian University Ranking (IAAR EUR)-2022» мебошад, ки 8-уми октябри соли 2022 натиҷаҳои ин раддабандӣ дар Форуми VI байналмилалии Осиёи Марказӣ доир ба таъмини сифати таҳсилот бо иштироки шабакаҳои аврупоӣ эълон гардид. Дар натиҷаи раддабандӣ Донишгоҳи миллии Тоҷикистон соҳиби ҷойи чорум гардида, ягона муассисае буд, ки соҳиби ҷоизаи «IAAR EUR Worldwide recognition Award» шуд. Ҳамчунин, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба раддабандии QS шомил гардид, ки соли 2023 натиҷагирии он дар назар аст.

Дигар рӯйдоди муҳими соли сипарӣ дар Форуми XV зиёиёни эҷодкор ва илмии кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ки дар шаҳри Тошканд баргузор гардид, барандаи ҷоизаи «Ситораҳои Иттиҳод» гардидани устоди факултети механикаю математикаи донишгоҳ, академик Мирганд Шабозов мебошад.

Сиюми марти соли 2022 аз ҷониби Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон рейтинги муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи 36 нишондиҳандаи таълимию илмӣ ва фаъолияти байналмилалӣ роҳандозӣ гардид, ки дар он Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар байни 34 муассисаи таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ бо касби 236 хол сазовори ҷойи 1-ум гардида, соҳиби ҷоизаи ин озмун шуд.

Ҳамчунин, соли гузашта бо ибтикори раёсати донишгоҳ Маркази илмию таҳқиқотии публитсистика ба номи профессор Асадулло Саъдуллоев, Студияи таълимии радиои факултети журналистика рӯи мавҷи алоҳида дар диапазони 90,5 FM бо унвони «Садои Донишгоҳи миллӣ», Озмоишгоҳи нанотехнологияи Институти илмию таҳқиқотии ДМТ, лабораторияи илмӣ дар факултети химия, таъсиси филиали китобхонаи илмӣ дар «Шаҳраки донишҷӯён», сохта ба истифода додани амфитеатр ва майдончаи варзишӣ дар саҳни бинои Конфутсий ва таҷдиди Маркази русӣ сурат гирифт, ки ҳар як аз ин озмоишгоҳу марказҳо барои истифодаи самараноки устодону донишҷӯён дар раванди машғулиятҳои дарсӣ ва иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ равона гардиданд.

Ҳамин заҳмату талошҳои раёсат, ҳайати омӯзгорон ва кормандони донишгоҳро ба инобат гирифта, соли 2022 бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 11 нафар омӯзгорон ба муносибати ҷашнҳои давлатӣ, бо мукофотҳои давлатӣ, аз ҷумла Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон - 1 нафар, Корманди шоистаи Тоҷикистон - 1 нафар, ордени Шараф дараҷаи II - 1 нафар, Хизмати шоиста - 8 нафар сарфароз гардиданд. Ҳамчунин, як нафар бо Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои олимон ва омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соли 2022 ва як нафар бо Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф сарфароз гардонида шуданд. Ҳамзамон, панҷ нафар олимони ҷавони донишгоҳ барои дастовардҳои назаррас дар корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҳияи маводи таълимӣ бо Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ барои ҷавонон дар соли 2022 сазовор дониста шуданд.

Соли 2022 аз рӯйи нақшаҳои амалкунандаи таълимӣ тибқи талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаҳои таҳсилотӣ ва нақшаҳои таълимӣ аз рӯйи 124 ихтисоси амалкунанда бомуваффақият оғоз ёфт, ки саҳми ҳайати бисёрҳазорнафараи омӯзгорону кормандон дар ин ҷода хеле назаррас аст. Соли сипаригашта ихтисосҳои бехатарии иқтисодӣ, иқтисодиёти минтақа ва рушди маҳал дар факултети иқтисод ва идора, технологияи саноати дору дар факултети фарматсевтӣ ва ихтисоси диншиносӣ дар факултети фалсафа ва кафедраҳои тибби оилавӣ, ҷарроҳии 2-юм дар факултети тиббӣ ва биотехнология дар факултети биология таъсис ёфтанд.

Ҷараёни таълим дар шуъбаи рӯзона чун анъана аз рӯйи се зинаи таҳсилот - бакалавр, мутахассис ва магистратура бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ тибқи нақшаҳои таълимӣ ба роҳ монда шуд.

Вобаста ба иҷрои протоколи ҷаласаи назди Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа (аз 24-уми августи соли 2022, №16/10-172) «Оид ба вазъи омӯзиши забонҳои хориҷӣ (махсусан забонҳои русӣ ва англисӣ) дар кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва роҳҳои беҳтар сохтани он» нақшаи чорабинии донишгоҳ таҳия шуда, шурӯъ аз оғози соли таҳсили 2022-2023 аз ҳисоби донишҷӯёни курси якуми ихтисоси 1-24010200-ҳуқуқшиносии факултети ҳуқуқшиносӣ як гурӯҳи англисӣ ва вобаста ба иҷрои нақшаи чорабиниҳо дар бораи амалигардонии «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф, солҳои 2020-2040» дар факултети химия гурӯҳи академии таълимаш ба забони англисӣ барои курси якум таъсис дода шуд.

Алҳол дар 125 кафедраи донишгоҳ (118 кафедраи тахассусӣ ва 7 кафедраи умумидонишгоҳӣ) 1334 нафар омӯзгор (12 нафар академики АМИТ ва 13 нафар узви вобастаи АМИТ), аз ҷумла 192 нафар доктори илм, профессор, 649 нафар номзади илм, дотсент барои пешбурди фаъолияти таълимию методӣ ҷалб шуда, ҳамчунин 355 нафар омӯзгор ба ҳайси омӯзгорони ҳамкор ва соатбайъ фаъолият менамоянд, ки аз ин теъдод 105 нафарро омӯзгори дараҷа ва унвони илмидор ташкил медиҳанд.

Қобили зикр аст, ки дар донишгоҳ 841 нафар омӯзгори штатии дараҷа ва унвони илмидор фаъолият доранд, ки 62,59 фоизи омӯзгорон кормандони асосии донишгоҳро ташкил медиҳанд, ки ин яке аз нишондиҳандаҳои беҳтарин дар байни муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ мебошад.

Шумораи донишҷӯён 22 787 нафар буда, аз онҳо 17350 нафарро донишҷӯёни шуъбаи рӯзона, 4831 нафарро донишҷӯёни шакли таҳсилоти фосилавӣ ва 606 нафарро магистрон ташкил медиҳанд. Аз теъдоди умумии донишҷӯёни донишгоҳ 9021 нафарро духтар (39,6%) ва 13766 нафарро писар (60,4 %) ташкил медиҳанд. Донишгоҳ дорои 19 факултет (19 бинои таълимӣ) буда, дар биноҳои таълимӣ барои як баст (смена)-и таълимӣ барои донишҷӯён 18 000 ҷойи нишаст пешбинӣ шудааст.

Дар 14 факултети донишгоҳ донишҷӯён тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил менамоянд, ки теъдоди онҳо 280 нафарро ташкил медиҳад, ки аз онҳо 158 нафар духтарон ва 122 нафар писарон аз шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ мебошанд. Аз теъдоди умумии донишҷӯёни тибқи квота таҳсилкунанда 161 нафар дар хобгоҳ истиқомат мекунанд.

Айни замон дар донишгоҳ 2442 адад компютер, 675 адад принтерҳои бисёрфунксионалӣ, 178 адад тахтаи электронӣ ва 225 адад видеопроектор мавриди истифода қарор доранд. Дар раванди таълим 45 синфхонаи компютерӣ истифода мешаванд. Ҳамчунин, 17 синфхонаи компютерӣ бо моноблок муҷаҳҳазонида шуда, шумораи моноблокҳо дар маҷмӯъ 475 ададро ташкил медиҳанд. Дар донишгоҳ 1030 компютер бо шабакаи интернет пайваст буда, барномаи литсензионии «Kaspersky Anti-Virus» дар 500 адад компютер васл гардидааст.

Соли гузашта Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯи се зинаи таҳсил: бакалавр мутахассис ва магистратура 5324 нафар хатм намуданд, ки аз онҳо 3728 нафарро хатмкунандагони шакли таҳсили рӯзона, 1131 нафарро шакли таҳсили фосилавӣ ва 465 нафарро хатмкунандагони зинаи таҳсилоти магистратура ташкил медиҳанд. Аз теъдоди умумии хатмкунандагон 261 нафар донишгоҳро бо дипломи аъло хатм намуданд.

Дар Литсейи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 311 нафар хонанда ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Соли гузашта дар озмунҳо ва олимпиадаҳои фаннӣ 278 нафар хонанда ширкат варзида, 140 нафари онҳо ғолиб дониста шуданд ва ҳуқуқи дар даври дуюм (ноҳиявӣ) иштирок карданро пайдо намуданд. Дар даври дуюми (ноҳиявӣ) олимпиада 60 нафар хонандагони литсей сазовори ҷойҳои 1, 2, 3 ва ифтихорӣ гашта, ба даври сеюми олимпиада роҳхат гирифтанд.

Моҳи январи соли 2022 олимпиадаи байналмилалии «Глобус» дар шаҳри Душанбе баргузор гардид, ки аз 42 нафар иштирокчии озмун 15 нафар хонандагони литсей сазовори ҷойҳои ифтихорӣ, аз ҷумла 4 нафар ҷойи якум, 5 нафар ҷойи дуюм ва 6 нафар ҷойи сеюм гардиданд.

Соли 2022 аз 1315 нафар устодону кормандони илмии донишгоҳ дар иҷрои пажӯҳишҳои илмӣ 1241 нафар (91,8 фоиз) иштирок намуданд, ки дар байни онҳо 192 нафар докторони илм ва 649 нафар номзадони илму докторони Ph.D мебошанд. Дастовардҳои ҳайати устодону кормандон ва донишҷӯёни донишгоҳ дар соҳаи илм ба таври мухтасар чунин аст:

- роҷеъ ба 64 самт, 114 масъала ва 147 мавзӯи кафедравӣ ва фармоишӣ таҳқиқот анҷом додаанд;

- 4347 номгӯй асарҳои илмӣ, таълимиву методӣ ба табъ расониданд, ки аз ин миқдор 177 монография, 66 китоби дарсӣ, 207 воситаҳои таълимӣ, 191 дастури методӣ, 2947 мақола ва 867 фишурдаи мақолаҳо мебошанд;

- дар 42 шумораи силсиламаҷаллаҳои донишгоҳ - Паёми ДМТ ва «Илм ва фановарӣ» 1474 мақолаи илмӣ ва ҳамзамон шаш шумораи маҷаллаи «Муҳаққиқони ҷавон» бо фарогирии 496 мақола омода шуд.

Таҳлили фаъолияти илмии устодони донишгоҳ тавассути сомонаи Elibrary.ru нишон дод, ки «индекси Хирш»-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар соли 2022 ба 35 (то соли 2021-34) баробар шуд.

Соли 2022 докторантураи Ph.D -ро 52 нафар хатм карданд ва аз ин шумора 10 нафар докторанти Ph.D рисолаи илмиро дар кафедра аз муҳокима гузарониданд. Соли 2022-юм 74 нафар ба зинаи мазкур қабул карда шуд.

Дар пояи донишгоҳ 17 нафар рисолаи докторӣ, 93 нафар рисолаи номзадию доктор-докторантураи Ph.D-ро дифоъ карданд.

Дар 7 Шӯрои диссертатсионии КОА ФР дар назди донишгоҳ фаъолияткунанда панҷ рисолаи докторӣ ва 30 рисолаи номзадӣ, инчунин, дар 17 Шӯрои диссертатсионии КОА ҶТ дар назди донишгоҳ амалкунанда 14 рисолаи докторӣ, 74 рисолаи номзадӣ ва 11 рисолаи доктор Ph.D дифоъ карда шуд.

Соли 2022 бо дастгирии раёсати донишгоҳ устодони факултети химияи донишгоҳ, номзадҳои илмҳои химия, дотсентон Ёрмамадова Саврибегим Гулмамадовна ва Қурбонова Муқаддас Зубайдовна дар Форуми байналмилалии «Занони ихтироъкор», ки дар шаҳри Суели Корея доир гардид, иштирок намуда, бо Шоҳҷоиза ва медали тилло қадрдонӣ шуданд.

Дар шаҳри Могилёви Ҷумҳурии Беларус 12-умин олимпиадаи байналмилалӣ аз фанни математика «MathOpen 2022 Belarus» байни 344 донишҷӯ аз 16 давлат доир гардид ва дар он Ҳикматулло Исматов – магистранти факултети механикаю математика сазовори ҷойи дуюм гардид.

Соли 2022 олимпиадаи ҷумҳуриявии донишҷӯён таҳти унвони «Аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст» баргузор шуд, ки дар он 400 нафар донишҷӯ аз 35 муассисаи таҳсилоти олии кишвар иштирок намуданд. Дастаи олимпии донишҷӯёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо ишғоли 7 ҷой (6 ҷойи аввал, 1 ҷойи дуюм) сазовори ҷойи аввал дониста шуд.

Донишҷӯёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар озмунҳои ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат» ба гирифтани 9 ҷойи ифтихорӣ (1 ҷойи аввал, 4 ҷойи дуюм ва 4 ҷойи сеюм), «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» (1 ҷойи аввал, 2 ҷойи дуюм), «Ту қалби Тоҷикистонӣ, Душанбе» (1 ҷойи аввал, 2 ҷойи дуюм ва 1 ҷойи сеюм), «Беҳтарин донандаи Конститутсия» (1 ҷойи аввал) сазовори ҷойҳои ифтихорӣ дониста шуданд.

Дастгирии қишри ниёзманди аҳолӣ дар маркази таваҷҷуҳи роҳбарияти донишгоҳ қарор дошта, бо мақсади татбиқи сиёсати иҷтимоии Давлату Ҳукумат дар самти дастгирии ятимону бепарасторон, шахсони имконияташон маҳдуд иқдомҳои хосаро роҳандозӣ намудааст. Аз ҷумла, ба зиёда аз 150 нафар ятиму маъюби муҳассилини донишгоҳ кумаки моддӣ, ба Мактаб-интернати ҷумҳуриявии низомаш махсуси шаҳри Ҳисор хӯроквории ва лавозимоти техникӣ, ба қисмҳои ҳарбии №5453, №0235, №6592-и Қӯшунҳои дохилаи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон хӯроквории ва ба Маркази минтақавии хизматрасонии иҷтимоӣ ба пиронсолон ва маъюбон дар шаҳри Душанбе туҳфаҳои солинавӣ ва барномаи рангини солинавӣ туҳфа намуд.

Ҳоло, донишгоҳ бо 326 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотии кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ шартнома ва қарордоди ҳамкорӣ дошта, аъзои Донишгоҳи шабакавии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) ва Донишгоҳи Созмони ҳамкориҳои Шанхай (СҲШ) мебошад. ДМТ аъзои фаъоли Ассотсиатсияи донишгоҳҳои АвруОсиё, муассиси Ассотсиатсияи донишгоҳҳои Осиё, муассиси Ассотсиатсияи донишгоҳҳои Осиёи Марказӣ, аъзои Ассотсиатсияи байналмилалии омӯзгорони забон ва адабиёти рус (МАПРЯЛ) ва созмону консорсиумҳои дигари байналмилалӣ низ мебошад. Ҳаштуми июни соли 2022 Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аъзои комилҳуқуқи консорсиуми Донишгоҳи ҳуқуқии Аврупо ва Осиё шуд.

Донишгоҳ аз рӯйи 11 ихтисоси барои пешрафти иқтисодиёти ҷумҳурӣ зарурӣ бо донишгоҳҳои Ҷумҳурии Беларус омода намудани кадрҳои замонавиро ба роҳ мондааст. Дар Донишгоҳи давлатии Туркманистон ба номи Маҳтумқулӣ 14-17-уми ноябри соли 2022 интернет-олимпиадаи байналмилалӣ аз фанни химия баргузор гардид, ки панҷ нафар донишҷӯи факултети химия иштирок карда, се нафар соҳиби ҷойҳои ифтихорӣ гардиданд.

Дар Форуми ректорони кишварҳои Осиёи Марказӣ, ки 12-13-уми майи соли 2022 дар Донишгоҳи миллии Қазоқистон ба номи ал-Форобӣ доир гардид, ректори донишгоҳ иштирок намуда, бо якчанд муассисаҳои илмию таълимии хориҷи кишвар созишномаи нави ҳамкорӣ ба имзо расонид. Санаи 12-уми октябри соли 2022 дар пояи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Форуми ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Беларус таҳти унвони «Дурнамои инкишофи ҳамкориҳои байнидонишгоҳии Тоҷикистон ва Беларус» баргузор гардид, ки дар он вазирони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Беларус, ректорони донишгоҳҳои Тоҷикистону Беларус ва омӯзгорону донишҷӯёни муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намуданд.

Соли 2022 донишгоҳ бо 18 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, муассисаҳои илмӣ - таҳқиқотии кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ шартнома ва қарордоди ҳамкорӣ баст. Дар донишгоҳ айни ҳол 274 нафар шаҳрванди хориҷӣ ба ҳайси донишҷӯ, магистр, докторантони доктори фалсафа Ph.D ва шунавандаи озод (забономӯз МОЗ) ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Ҳайати устодону кормандони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои баланд бардоштани нуфузу эътибори ин махзани илму маърифат пайваста кӯшиш намуда, ҷиҳати татбиқи сиёсати маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саҳм мегузоранд.



















**Номгӯйи ихтисосҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои соли таҳсили 2023-2024 дар саҳифаи 4**

**Хонандагони азиз, Шумо метавонед хабару гузориш, матолиби мукаммалу таҳлилӣ ва шакли электронии рӯзномаи «Садои мардум»-ро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

(Идома аз саҳ. 3)

# НОМГӮЙИ ИХТИСОСҲОИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ ТАҲСИЛИ 2023-2024

| № т/р | РАМЗИ ИХТИСОС | НОМГӮЙИ ИХТИСОСҲО | Рӯзона | | Фосилавӣ | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | буҷавӣ | шартномавӣ | буҷавӣ | шартномавӣ |
| 1 | 1-31030102 | Математика | 25 | 25 | 25 | 0 |
| 2 | 1-31030302 | Математикаи амалӣ | 10 | 15 | 0 | 0 |
| 3 | 1-31030400 | Информатика | 25 | 25 | 0 | 25 |
| 4 | 1-31030202 | Механика | 10 | 15 | 0 | 0 |
| 5 | 1-98010101 | Амнияти компютерӣ | 5 | 20 | 0 | 0 |
| 6 | 1-31040103 | Физика | 25 | 25 | 25 | 0 |
| 7 | 1-02050405 | Астрономия | 10 | 15 | 10 | 15 |
| 8 | 1-31040200 | Радиофизика ва электроника | 10 | 15 | 10 | 10 |
| 9 | 1-40020100 | Мошинҳои ҳисоббарор, низомҳо ва шабакаҳо | 10 | 15 | 0 | 0 |
| 10 | 1-3102010209 | Метеорология ва климатология | 10 | 15 | 0 | 0 |
| 11 | 1-54010104 | Метрология, стандартикунонӣ ва сертификат. | 10 | 15 | 0 | 25 |
| 12 | 1-33010300 | Радиоэкология | 10 | 15 | 0 | 0 |
| 13 | 1-31050102 | Химия | 25 | 25 | 25 | 0 |
| 14 | 1-31050101 | Химия (химияи татбиқӣ) | 10 | 15 | 0 | 20 |
| 15 | 1-48010100 | Технол. химиявии модд. ғайриорганикии ММ | 10 | 15 | 0 | 0 |
| 16 | 1-48010300 | Технол. химиявии захира. энергетикӣ ва МК | 10 | 15 | 0 | 0 |
| 17 | 1-54010300 | Усулҳои физикӣ-химиявӣ ва асбобҳои НСМ | 0 | 25 | 0 | 0 |
| 18 | 1-51010103 | Гидрогеология ва геологияи муҳандисӣ | 10 | 15 | 0 | 20 |
| 19 | 1-25010711 | Иқтисод ва идора дар саноати кӯҳӣ | 0 | 25 | 0 | 25 |
| 20 | 1-51010100 | Геология ва иктиш. конҳои канданиҳои фоиданок | 10 | 15 | 0 | 0 |
| 21 | 1-51010104 | Геология, ҷустуҷӯ ва иктиш. конҳои нафту газ | 10 | 15 | 0 | 20 |
| 22 | 1-51020102 | Коркарди ККФ (корҳои зеризаминӣ) | 0 | 25 | 0 | 0 |
| 23 | 1-510101-02 | Усулҳои геофизикии ҷустуҷӯ ва иктишофи ККФ | 10 | 15 | 0 | 0 |
| 24 | 51010110 | Гидрология ва пиряхшиносӣ | 10 | 15 | 0 | 20 |
| 25 | 1-31010102 | Биология | 25 | 25 | 25 | 25 |
| 26 | 1-33010101 | Экология | 10 | 15 | 0 | 20 |
| 27 | 1-310101-03 | Биология (биотехнология) | 10 | 15 | 0 | 0 |
| 28 | 1-750101-01 | Илми ҷангалпарварӣ ва ҷангалпарварӣ | 10 | 15 | 0 | 0 |
| 29 | 1-79010800 | Дорусозӣ | 0 | 100 | 0 | 0 |
| 30 | 1-49013201 | Технологияи маҳсулоти чарб, равғани эфир ва АК | 0 | 25 | 0 | 0 |
| 31 | 1-480201-04 | Технологияи саноати дору | 0 | 25 | 0 | 0 |
| 32 | 1-79010400 | Кори тиббии ташхисӣ | 0 | 50 | 0 | 0 |
| 33 | 1-79010100 | Кори табобатӣ | 0 | 100 | 0 | 0 |
| 34 | 1-790107 | Дандонпизишикӣ | 0 | 50 | 0 | 0 |
| 35 | 1-21020100 | Фалсафа | 10 | 15 | 0 | 0 |
| 36 | 1-230106-0103 | Сиёсат ва идораи давлатӣ | 10 | 15 | 0 | 0 |
| 37 | 1-23010400 | Психология | 10 | 15 | 0 | 20 |
| 38 | 1-23010500 | Сотсиология | 10 | 15 | 0 | 0 |
| 39 | 1-86010102 | Кори иҷтимоӣ | 10 | 15 | 0 | 25 |
| 40 | 1-23010603 | Менеҷменти сиёсӣ | 10 | 15 | 0 | 0 |
| 41 | 1-21010102 | Диншиносӣ | 10 | 15 | 0 | 0 |
| 42 | 1-210301-01 | Таърих | 20 | 30 | 25 | 0 |
| 43 | 1-23011301 | Бойгонишиносӣ | 10 | 15 | 0 | 25 |
| 44 | 1-210301-02 | Таърих (бостоншиносӣ) | 10 | 15 | 0 | 0 |
| 45 | 1-210301-0110 | Сарчашмашиносӣ, таърихнависӣ, УТТ | 0 | 25 | 0 | 0 |
| 46 | 1-2103010109 | Иттилооти таърихӣ | 0 | 25 | 0 | 0 |
| 47 | 1-23010100 | Муносибатҳои байналмилалӣ | 0 | 75 | 0 | 0 |
| 48 | 1-23010106 | Минтақашиносии хориҷӣ | 15 | 35 | 0 | 0 |
| 49 | 1-2301020305 | Фаъолияти иттилоотӣ-таҳлилӣ дар МБ | 0 | 25 | 0 | 0 |
| 50 | 1-23010101 | Сиёсати берунӣ ва дипломатия | 0 | 25 | 0 | 0 |
| 51 | 1-24010200 | Ҳуқуқшиносӣ | 35 | 115 | 0 | 25 |
| 52 | 1-24010100 | Ҳуқуқи байналмилалӣ | 20 | 30 | 0 | 0 |
| 53 | 1-26010200 | Идораи давлатӣ ва ҳуқуқ | 10 | 15 | 0 | 25 |
| 54 | 1-93010100 | Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ | 20 | 30 | 0 | 20 |
| 55 | 1-24010302 | Танзими ҳуқуқии молия ва қарз | 5 | 20 | 0 | 0 |
| 56 | 1-24010217 | Ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ | 5 | 20 | 0 | 0 |
| 57 | 1-93010200 | Санҷиши судӣ | 5 | 20 | 0 | 0 |
| 58 | 1-96010101 | Таъмини ҳуқуқии фаъолияти гумрукӣ | 5 | 20 | 0 | 0 |
| 59 | 1-23010800 | Рӯзноманигорӣ | 20 | 30 | 10 | 15 |
| 60 | 1-23010900 | Рӯзноманигории байналхалқӣ | 10 | 15 | 0 | 0 |
| 61 | 1-47010104 | Умури нашриёт | 10 | 15 | 0 | 0 |
| 62 | 1-23010701 | Иттилоот ва робита | 10 | 15 | 0 | 0 |
| 63 | 1-23010903 | Журналист-тарҷумон | 10 | 15 | 0 | 0 |
| 64 | 1-230108-0203 | WEB-рӯзноманигорӣ | 10 | 15 | 0 | 25 |
| 65 | 1-21050100 | Забон ва адабиёти тоҷик | 25 | 25 | 25 | 0 |
| 66 | 1-21050103 | Забоншиносӣ ва технологияи нави иттилоотӣ | 10 | 15 | 0 | 0 |
| 67 | 1-26020401 | Ҳуҷҷатшиносӣ ва таъмини ҳуҷҷатии идора | 10 | 15 | 0 | 0 |
| 68 | 1-210601-0202 | Тарҷумаи бадеӣ | 10 | 15 | 0 | 0 |
| 69 | 1-25050110 | Мероси хаттӣ | 10 | 15 | 0 | 0 |
| 70 | 1-02020400 | Фарҳанги ҷаҳонӣ ва ватанӣ. Фолклор | 10 | 15 | 0 | 0 |
| 71 | 1-2301100105 | Танқиди адабӣ | 10 | 15 | 0 | 0 |
| 72 | 1-21050200 | Филологияи рус | 25 | 25 | 10 | 15 |
| 73 | 1-21050404 | Назария ва амалияи тарҷума | 10 | 14 | 0 | 0 |
| 74 | 1-23010201 | арабӣ-англисӣ | 12 | 12 | 0 | 0 |
| 75 | 1-23010201 | англисӣ-хитоӣ | 12 | 12 | 0 | 0 |
| 76 | 1-23010201 | арабӣ-фаронсавӣ | 5 | 7 | 0 | 0 |
| 77 | 1-23010201 | форсӣ-англисӣ | 8 | 16 | 0 | 0 |
| 78 | 1-23010201 | ҳиндӣ-англисӣ | 5 | 7 | 0 | 0 |
| 79 | 1-23010201 | урду-англисӣ | 4 | 4 | 0 | 0 |
| 80 | 1-23010201 | форсӣ-франсавӣ | 5 | 3 | 0 | 0 |
| 81 | 1-23010201 | пашту-англисӣ | 3 | 5 | 0 | 0 |
| 82 | 1-21060102 | Забонҳои муосири хориҷӣ. Забони хитоӣ | 10 | 14 | 0 | 0 |
| 83 | 1-21060102 | Забонҳои муосири хориҷӣ. Забони англисӣ | 10 | 14 | 0 | 0 |
| 84 | 1-21060102 | Забонҳои муосири хориҷӣ. Забони олмонӣ | 5 | 7 | 0 | 0 |
| 85 | 1-21060102 | Забонҳои муосири хориҷӣ. Забони фаронсавӣ | 5 | 7 | 0 | 0 |
| 86 | 1-25010400 | Молия ва қарз | 30 | 95 | 0 | 25 |
| 87 | 1-25010402 | Кори бонкӣ | 15 | 35 | 0 | 25 |
| 88 | 1-25010300 | Иқтисодиёти ҷаҳонӣ | 20 | 30 | 0 | 0 |
| 89 | 1-25010717 | Иқтисод ва идораи сайёҳӣ | 10 | 15 | 0 | 0 |
| 90 | 1-25010404 | Суғурта | 10 | 15 | 0 | 0 |
| 91 | 1-25010304 | Идораи инвеститсияҳои хориҷӣ | 10 | 15 | 0 | 0 |
| 92 | 1-250104-03 | Андоз ва андозбандӣ | 10 | 15 | 0 | 25 |
| 93 | 1-25010410 | Менеҷменти молиявӣ | 0 | 25 | 0 | 0 |
| 94 | 1-25010409 | Молия ва назорат дар соҳаи фаъолияти гумрук | 10 | 15 | 0 | 0 |
| 95 | 1-25010800 | Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит | 20 | 30 | 0 | 25 |
| 96 | 1-25010500 | Омор | 10 | 15 | 0 | 0 |
| 97 | 1-31030601 | Кибернетикаи иқтисодӣ | 10 | 15 | 0 | 0 |
| 98 | 1-25011100 | Аудит ва ревизия | 10 | 15 | 0 | 0 |
| 99 | 1-96010102 | Таъмини иқтисодиёти фаъолияти гумрукӣ | 0 | 25 | 0 | 0 |
| 10 | 1-25011026 | Иқтисодиёти рақамӣ | 5 | 20 | 0 | 0 |
| 101 | 1-25010801 | Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар бонкҳо | 5 | 20 | 0 | 0 |
| 102 | 1-40010202 | Технология ва низоми иттилоотӣ (дар иқтисодиёт) | 20 | 30 | 0 | 20 |
| 103 | 1-25010701 | Иқтисодиёти меҳнат | 10 | 15 | 0 | 0 |
| 104 | 1-25010706 | Танзими давлатии иқтисодиёти миллӣ | 20 | 30 | 0 | 20 |
| 105 | 1-25010700 | Иқтисод ва идора дар корхонаҳо | 10 | 40 | 0 | 20 |
| 106 | 1-250107-15 | Иқтисодиёт ва идора дар КАС | 10 | 15 | 0 | 20 |
| 107 | 1-26020200 | Менеҷмент | 15 | 35 | 0 | 0 |
| 108 | 1-26020300 | Маркетинг | 0 | 25 | 0 | 0 |
| 109 | 1-26010100 | Идораи давлатӣ | 10 | 15 | 0 | 0 |
| 110 | 1-26020203 | Менеҷменти инноватсионӣ | 10 | 15 | 0 | 0 |
| 111 | 1-26020323 | Логистика | 0 | 25 | 0 | 0 |
| 112 | 1-25011027 | Иқтисоди сабз | 5 | 20 | 0 | 0 |
| 113 | 1-960101-03 | Бехатарии иқтисодӣ | 5 | 20 | 0 | 0 |
| 114 | 1-250107-31 | Иқтисодиёти минтақа ва рушди маҳал | 5 | 20 | 0 | 0 |
| 115 | 1-98010101 | Амнияти компютерӣ | 0 | 25 | 0 | 0 |
| 116 | 1-31030802 | Математика ва технологияи информатсионӣ | 0 | 25 | 0 | 0 |
| 117 | 1-31030700 | Информатикаи татбиқӣ | 0 | 25 | 0 | 0 |
| 118 | 1-1000101 | Бехатарии ядроӣ ва радиатсионӣ | 0 | 25 | 0 | 0 |
| 119 | 1-430106 | Технологияи энергияи самарабахш ва МЭ | 0 | 25 | 0 | 0 |
| 120 | 1-8002010 | Кори тиббии биологӣ | 0 | 25 | 0 | 0 |
| 121 | 1-570101 | Ҳифзи муҳити зист ва истифодаи сарватҳои табиӣ | 0 | 25 | 0 | 0 |
| 122 | 1-480102 | Технологияи химиявии мод. органикӣ ММО | 0 | 25 | 0 | 0 |

## КУМИТАИ МЕЪМОРӢ ВА СОХТМОНИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### ФАРМОИШ

**аз 16-уми январи соли 2023 №05/ф ш. Душанбе**

**Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба фармоиши раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10-уми октябри соли 2007, №6фк**

**120.030.030.**

Мутобиқи моддаи 56 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», моддаҳои 5 ва 13 Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон, банди 6 Қоидаҳои нархгузории корҳои сохтмонӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29-уми июни соли 2017, №324 тасдиқ шудааст ва бандҳои 4, 8 Низомномаи Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми марти соли 2014, №150 тасдиқ шудааст,

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

1. Ба меъёрҳои унсурии харҷномавӣ ба корҳои сохтмон (МУХ ҶТ-2007). Маҷмӯаи №7 «Конструксияҳои бетонӣ ва оҳанубетонии васлшаванда», ки бо фармоиши раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5-уми декабри соли 2007, №6фк «Дар бораи тасдиқ намудани ҳуҷҷатҳои меъёрӣ оид ба нархгузорӣ ва меъёрдарории харҷномавӣ дар сохтмон» тасдиқ карда шуда, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10-уми январи соли 2008, №339 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, иловаҳо ворид карда шаванд (замима мегардад).
2. Фармоиши мазкур барои бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуда, пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.
3. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси кумита - сарпарасти соҳа гузошта шавад.

**Раиси кумита Низом МИРЗОЗОДА**

**Дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Феҳристи баҳисобгирии давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рамзи Р/Б №339[1] аз 15-уми марти соли 2023 ба қайд гирифта шудааст.**

## КУМИТАИ МЕЪМОРӢ ВА СОХТМОНИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### ФАРМОИШ

**аз 16-уми январи соли 2023 №04/ф ш. Душанбе**

**Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба фармоиши раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10-уми октябри соли 2007, №6фк**

**120.030.030.**

Мутобиқи моддаи 56 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», моддаҳои 5 ва 13 Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон, банди 6 Қоидаҳои нархгузории корҳои сохтмонӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29-уми июни соли 2017, №324 тасдиқ шудааст ва бандҳои 4, 8 Низомномаи Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми марти соли 2014, №150 тасдиқ шудааст,

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

1. Ба меъёрҳои унсурии харҷномавӣ ба корҳои сохтмон (МУХ ҶТ-2007). Маҷмӯаи №10 «Конструксияҳои чӯбин», ки бо фармоиши раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5-уми декабри соли 2007, №6фк «Дар бораи тасдиқ намудани ҳуҷҷатҳои меъёрӣ оид ба нархгузорӣ ва меъёрдарории харҷномавӣ дар сохтмон» тасдиқ карда шуда, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10-уми январи соли 2008, №342 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, иловаҳо ворид карда шаванд (замима мегардад).
2. Фармоиши мазкур барои бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуда, пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.
3. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси кумита - сарпарасти соҳа гузошта шавад.

**Раиси кумита Низом МИРЗОЗОДА**

**Дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Феҳристи баҳисобгирии давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рамзи Р/Б №342[2] аз 15-уми марти соли 2023 ба қайд гирифта шудааст.**

## КУМИТАИ МЕЪМОРӢ ВА СОХТМОНИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### ФАРМОИШ

**аз 16-уми январи соли 2023 №07/ф ш. Душанбе**

**Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба фармоиши раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10-уми октябри соли 2007, №6фк**

**120.030.030.**

Мутобиқи моддаи 56 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», моддаҳои 5 ва 13 Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон, банди 6 Қоидаҳои нархгузории корҳои сохтмонӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29-уми июни соли 2017, №324 тасдиқ шудааст ва бандҳои 4, 8 Низомномаи Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми марти соли 2014, №150 тасдиқ шудааст,

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

1. Ба меъёрҳои унсурии харҷномавӣ ба корҳои сохтмон (МУХ ҶТ-2007). Маҷмӯаи №15 «Корҳои пардоз», ки бо фармоиши раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5-уми декабри октябри соли 2007, №6фк «Дар бораи тасдиқ намудани ҳуҷҷатҳои меъёрӣ оид ба нархгузорӣ ва меъёрдарории харҷномавӣ дар сохтмон» тасдиқ карда шуда, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10-уми январи соли 2008, №345 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, тағйиру иловаҳо ворид карда шаванд (замима мегардад).
2. Фармоиши мазкур барои бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуда, пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.
3. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси кумита - сарпарасти соҳа гузошта шавад.

**Раиси кумита Низом МИРЗОЗОДА**

**Дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Феҳристи баҳисобгирии давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рамзи Р/Б №345[2] аз 15-уми марти соли 2023 ба қайд гирифта шудааст.**

Funded by European Union Humanitarian Aid
IFRC
Finnish Red Cross
German Red Cross
Croce Rossa Italiana

## ҶАМЪИЯТИ ҲИЛОЛИ АҲМАРИ ТОҶИКИСТОН

**Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон (минбаъд - ҶҲАТ) барои иштирок дар озмуни тендерии таъмини маводу таҷҳизот аз тариқи иштироки номаҳдуд, ҳамаи шахсони ҳуқуқии дорои иҷозатномаи махсуси хоҳишмандро аз рӯи якчанд лот, ки аз тарафи шарики рушд - Салиби Сурхи Олмон дастгирӣ меёбанд, тибқи таснифоти зерин даъват менамояд:**

**Аз рӯи лоиҳаи «Суръат бахшидани фаъолиятҳои маҳаллӣ дар шароити буҳрони гуманитарӣ ва тандурустӣ» (ECHO PPP):**

**Лоти 1: Ташкили шароити мусоид барои гузаронидани тренинги 5 (панҷ) - рӯза.**

**Лоти 2: Ташкили шароити мусоид барои гузаронидани тренинги 3 (се) - рӯза.**

Барои иштирок дар озмуни тендерии навбатӣ таклифи расмӣ дар хусуси иштирок дар озмуни тендерии баргузоршаванда нусхаи ҳуҷҷатҳо, аз қабили сертификат оид ба бақайдгирии расмӣ дар мақомоти давлатӣ, Бонки миллии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотнома аз Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё зерсохторҳои он, дар хусуси ҳамчун шахси ҳуқуқии дорои иҷозатномаи дахлдор баромад намудан, инчунин мавҷуд набудан дар рӯйхати ба сифати қарздор ё бемасъул дар назди дигарон лозим аст.

Талаботи дар боло овардашуда шартҳои асосии озмуни тендерии баргузоршаванда ба ҳисоб меравад.

Барои гирифтани маълумот ва таснифоти асосӣ ва иловагӣ хоҳишмандон метавонанд дар ҳудуди соатҳои корӣ бо рақами телефони 224-42-85 занг зананд ё тариқи расмӣ бо суроғаи: шаҳри Душанбе, кӯчаи У. Хайём - 120 унвонии «Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон», шуъбаи таъминоти моддию техникӣ муроҷиат намоянд.

Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон пурра ва қисме аз таклифҳое, ки нархҳои пешниҳодшуда дар онҳо нисбатан паст нишон дода мешаванд, қобили қабул намешуморад.

**Муҳлати охирини пешниҳоди ҳуҷҷатҳо. то 17-уми апрели соли 2023, соати $09^{00}$ бо вақти Душанбе муайян карда мешавад.**

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Патенти соҳибкори инфиродӣ бо РЯМ № 1830049531-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Кӯлоб соли 2022 ба Каримов Кароматулло Амонхуҷаевич додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи Т-ШТУ № 0430437-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №13-и ноҳияи Айнии вилояти Суғд соли 2011 ба Марвориди Одинамаҳмад додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшуда, ки онро ШВКД дар ноҳияи Рашт ба Алимзода Сунатулло Сафаралӣ додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшуда, ки онро ШВКД дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Касымова Сафармоҳ Тупаловна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшуда, ки онро ШВКД-2 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ба Ҷӯразода Умеди Муҳамад додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишгоҳи технологии Тоҷикистон соли 2020 ба Ҳалимзода Ёқуб Маҳсудин додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонуни силсилаи НТ № 0647868-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии шаҳри Ҳисор бо кори меросии 49/2021 таҳти феҳрасти 2Ш-57 санаи 12-уми марти соли 2021 дар асоси шартномаи фаъолияти якҷоя бо шарти пайдо кардани ҳуқуқи моликият дар хонаҳои навбунёдшаванда, ки дар Идораи нотариалии давлатии шаҳри Ҳисор аз 16-уми майи соли 2017 таҳти феҳрасти №6Ш-103 тасдиқ шуда, тааллуқ дорад, эътибор надорад.

✓ Дафтарчаи имтиҳонии гумшуда, ки онро филиали МИСиС дар шаҳри Душанбе соли 2020 ба Юнусов Фаррух Худойназарович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии № 0443501-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Ҳисор 24-уми августи соли 2022 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, Ҷамоати шаҳраки Шарора, деҳаи Ӯртабуз ба Нуридинов Шарифҷон Маҳмудович (РМА 046517626) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии манзили истиқоматии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Хоруғ, ҳавлии №224 ба Якубов Акбар Файзуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Иҷозатнома (литсензия)-и фаъолияти хариду фурӯши маснуоти заргарии №0000206-и гумшуда, ки онро Нозироти давлатии иёргирии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи аз 2-юми декабри соли 2021 то 2-юми декабри соли 2024 ба Маллаев Раҳматулло Бобоназарович додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Клагенфурт, бинои 3, ҳуҷраи 38 ба Рамазонова Марҷона додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбии № 0270386-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Панҷакент 22-юми феврали соли 2013 ба ҶДММ «Маркази техникию технологияи муосир дар шаҳри Панҷакент» (РЯМ 6010004083, РМА 600011652) додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи ДТО № 0016896 бо рақами қайди давлатии № 661-и гумшуда, ки онро факултаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон соли 2007 ба Бахронова Саодат додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома бо шартҳои махсуси барои амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродии №0532430-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Панҷакент 19-уми августи соли 2022 ба Холиқова Нодира Ашӯровна (РЯМ 6030021709) додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома бо шартҳои махсуси барои амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродии № 0532312-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Панҷакент 2-юми августи соли 2022 ба Қодирова Бибиҷон Ҳамидқуловна (РЯМ 6030027410) додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи бартарафсозии квартираи силсилаи ДШ № 1060027-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 28-уми майи соли 2019 оид ба бартараф намудани квартираҳои бинои сеошёна, воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҳусейнзода, хонаи 28 ба ҶДММ «Глобал Груп» ва Латифов Ҷӯра Латифович додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи Ю №002508-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қ. Ҷӯраев соли 1998 ба Караева Машҳура Шамсиевна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома бо шартҳои махсуси барои амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродии №0558882-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Панҷакент 4-уми феврали соли 2023 ба Норова Шаҳноза Ҷӯмаевна (РЯМ 6030170035) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии манзили истиқоматии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Помир, ҳавлии №53 ба Раҷабов Асадулло додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ ҶДММ «Сафариён» бо РЯМ 1810007055 ва РМА 180014283, ки дар Нозироти андози шаҳри Кӯлоб ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «Илҳом ойл», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии №0233000, РЯМ 1510002625 буда, дар Нозироти андози ноҳияи Варзоб 3-юми октябри соли 2014 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «Маркази техникаю технологияи муосир дар шаҳри Панҷакент», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисиёбии № 0270386 (РЯМ 6010004083, РМА 600011652) буда, онро Нозироти андози шаҳри Панҷакент 22-юми феврали соли 2013 додааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Соҳибкори инфиродӣ Арбобов Абдуҷабор Анварович, ки дорои Шаҳодатнома барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкорӣ бо РМА 045134813, РЯМ 1230081655 буда, дар Нозироти андози ноҳияи Сино ба қайд гирифта шудааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

Конститутсия - кафолати рушди устувор ва ояндаи ҷомеа
Садои мардум

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
АМИНИЁН
Хӯҷаназар Файзулло

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Маҳмудҷон Усмонов,
Далер Абдулло,
Ориф Ёдгоров,
Сайфиддин Суннатов,
Абдухолиқ Мирзоев,
Шариф Атобуллоев,
Фарзона Файзалиева.

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон ва реклама - 238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд - 92-773-28-76, 92-771-76-72, водии Зарафшон - 93-535-06-66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17, НТМ - 000-03-03-80.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 29 марти соли 2023, соати 17:20 иҷозат дода шуд. Адади нашр - 35540 нусха*

Навбатдорони шумора Ш. Атобуллоев ва А. Мирзозода

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ - 97